

**Бозор СОБИР**

# БОҒИ МОМАИ АНГУР

*(Барои Бежан)*

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ББК 84 Тоҷик 7-5
С-63

Мусаввир *Манучеҳри Собир*

Муҳаррир *Низом Қосим*

**Бозор Собир. Боғи Момаи Ангур.**
– Душанбе, «Адиб», 2016, 20 саҳ.

© Нашриёти «Адабиёти бачагона», 2016



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# БОҒИ МОМАИ АНГУР[1]

Ҳамчу ғул-ғули тӯе
Як сатил ҳаёҳӯе,
Бозии қарашкӯе,
Боғи момаи ангур.

Дам ба дам пур аз хиш-хиш,
Дам ба дам пур аз киш-киш,
Даҳ сабад пур аз кишмиш,
Боғи момаи ангур.

Хӯшае агар пухтаст,
Хӯшаи дигар пухтаст,
Дар дами саҳар пухтаст
Боғи момаи ангур.

Як шабе ту бо маҳтоб,
Як шабе ту бо шабтоб,
Бӯи мева пеш аз хоб
Боғи момаи ангур.

Ёди сабзи тобистон,
Ёди сабзи токистон,
Ёди сабзи Сӯфиён[2]
Боғи момаи ангур.

---

[1] Писаронам ба хотири боғи токаш модарамро «Момаи ангур» меномиданд.
[2] Қишлоқи Момаи ангур



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## «АППОЛОН-11»[1]

*(Ба хотираи кайҳоннаварди маъруфи америкоӣ Нейл Армстронг, ки ду сол пеш даргузашт)*

Як киштии кайҳонӣ
Фаромада бошитоб,
Дар зери гарди ғафсе
Нишаста буд дар Маҳтоб.

Се нафар кайҳоннаворд
Дар он буданд интизор,
Магар намояд атроф,
Фурӯ нишинад ғубор.

Як нафаре дар охир
Аз он бурун баромад,
Оҳиста, бо эҳтиёт,
Аз пилаҳо фаромад.

Ба пилаи охирин
Расида андак истод,
Якбора, беихтиёр
Аз зина ҷаҳид озод.

Акнун ҳамчун дар замин
Қадам мезад беташвиш,
Бо мақсади тадқиқот
Мебаромад ба гардиш.

---

[1] Унвони киштии кайҳонӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Вале ба зудӣ баргашт
Он марди кайҳоннаворд,
Хоку санге гирифта
Намунаю раҳоворд.

Аммо ҷои пояш монд
Чун асаре аз шаҳоб,
Ҷои пои аввалин
Аҳли Замин дар Маҳтоб.

## ЧАТРИ САРИ ЗАМИН

Маҳтоб агар намебуд,
Ҳаргиз намебуд чора
Як ваҷаби Заминро
Аз бориши ситора[1].

Мерабояд онҳоро
Монанди оҳанрабо,
Ба Замин норасида,
Маҳтоб аз сари роҳ.

Дар як шаб сад ситора
Аз осмон меафтад,
Чатри сари Замин аст
Маҳтоб аз ин фалокат.

---

[1] Метеорит (ситораҳои паррон).



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ҲАВО

Берангу бевазн,
Бемаза, бебӯ
Ғайр аз ҳаво ку?
Аммо дигар нест
Муҳимтар аз ӯ?

## САДО

Садои мо аз кучост?
Аз пардаҳои ҳавост,
Ин пардаҳо дар ноянд,
Пардаҳои садоянд.

Пардаҳои садоро
Ҳаво, ки мефишорад,
Ҳар парда як садое
Ларзида мебарорад.

Садо печу хам дорад,
Авчу зеру бам дорад,
Садо намеравад дур,
Агар ҳаво нам дорад.

Хулоса, ҳар садое
Аз ҳаво мебарояд,
Агар ҳаво набошад,
Садо намебарояд.

Дар коинот ҳаво нест,
Дар коинот садо нест.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

## ТИРАНДОЗИ ХАЗОН[1]

Дар паси абри матире чун қир
Тирандози хазон карда камин,
Тир меандозад:
Тарақ… тарақ… тарақ….

Селаи мурғи ҳаросон аз барг,
Шуда аз шохи дарахтон канда,
Дар ҳаво чархзанон,
Мешавад паҳну парешону пароканда.

## ТИРАМОҲИ АСАЛМОҲ

Тирамоҳу наққошӣ,
Тирамоҳу рангпошӣ,
Тирамоҳу фаррошӣ
Дар боғу роғи лошӣ.

Тирамоҳи асалмоҳ,
Ҳафтаи иди асал,
Вақти сайри харбуза,
Ҳар кадуяш як бағал.

[1] Шеърест, ки бозгӯӣ кардаам, аслаш маълум нест.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## СУБҲИ ҚИШЛОҚ

Се карат қудқудус мешунавӣ,
То ба шабгир се карат махсус.
Медамад субҳи рӯз дар қишлоқ
Аз уфуқҳо на, аз гулӯи хурӯс.

## СОЯ

Чизе, ки поя дорад,
Албатта, соя дорад.
Дарё надорад поя,
Дарё надорад соя.

## АСО ВА АЙНАК

Асо, ки чӯбдаст аст,
На аз барои даст аст.
Асо мадори зону,
Як пои дигари ту.

Айнак барои чашм аст,
На аз барои бинӣ.
Агар ту мӯсафедӣ,
Бе айнак намебинӣ.

Айнак асои чашм аст,
Нури расои чашм аст.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## АКВАРИУМ

Дар шишаи об
Андар печу тоб
Моҳичаи зард,
Моҳичаи сурх,
Моҳии тилло,
Гулҳои дарё,
Гулдастаи мо.

## ҚАР-ҚАРИ ЗОҒОН ВА ҚУР-ҚУРИ ҚУРБОҚАҲО

Ҳаво аз қар-қари зоғон хунук шуд,
Барои он ки сармо месароянд.
Вале аз қур-қури қурбоқаҳо гарм,
Барои он ки гармо месароянд.

## ЧИСТОНИ КАБК

Хушравишу хушпаришу хушхиром,
Одатан дар кӯҳ мегардад мудом.
Дар раҳаш аз муштарӣ кам нест дом,
Дар қафас ҳам месарояд субҳу шом.

## БОЗОРИ СИЁҲ

Намози шоми боғони Душанбе,
Сияҳбозори зоғони Душанбе.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## КОСАПУШТ[1]

Косапушти зиреҳпӯш
Зиреҳаш дар тахтапушт,
Дар тахтапушташ сарпӯш,
Чун «каска»-и[2] аскарӣ,
Мебарад онро дар пушт
Барои бехатарӣ.

## ТАРБУЗ

Тарбузи сабзи нақшин
Нақшаи Замин барин,
Гардонӣ, мегардад он,
Глобуси полизбон.

## ЧАНОР

Чанор филдарахт аст,
Аз ҳар дарахте сахт аст.
Баданаш ҳам пур аз чин,
Бадани филон барин.

Аз чӯби ӯ шаҳсутун
Дар хонақоҳу айвон,
Кӯпруки сахту шаҳпул
Дар рӯи рӯдборон.

---

[1] Сангпушт.
[2] Кулоҳи оҳанӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Калон шавад, мегирад
Як майдонро сояаш,
Валекин шуҳратманд аст
Бо ғафсии пояаш.

Одатан ҳар касеро
Бошад агар тануманд,
Бо кундаи чанораш
Монанд менамоянд.

Ҳар як ҷувозкунда
Аз кундаи чанор аст,
Аз ин касби меросӣ
Сад кунда ёдгор аст,
Кундаи беҳад васеъ
Боқӣ мондаст аз Восе.

Ин дарахти тавоно,
Ин дарахти беҳамто,
Дар қатори азизон,
Дар қатори шаҳидон,
Бар дари ҳар мазоре,
Дар саҳни ҳар диёре,
Дарахти миллии мост,
Рамзи аҳолии мост.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

## СИТОРАИ КРЕМЛ

Ситораи Кремл
Аз кайҳон менамояд,
Ранги дили замин аст,
Метапад бениҳоят.

Аз лаъли Помир аст он, –
Ситораи ману ту,
Менамояд аз кайҳон
Помири мо ҳам бо ӯ.

## ҚИШЛОҚИ МАН

Аз зери ҳар барги тараш
Як мева чашмак мезанад,
Авҷи сафедораш баланд,
Аз шодӣ чак-чак мезанад,
Дар ними рӯзаш дар ҳаво
Пар-пар чаковак мезанад,
Як бачае бо каш-кашаш
Дар шиша лӯлак мезанад,
Аз абри хушки чашми ман
Як қатрае чак мезанад.


барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

## КӮДАКИИ МАН

Кӯдакиам, –
Кундаҳои мехкӯб аз замбуруғ,
Чашмҳои шабнамолуди сафедорон,
Дар замин рангинкамон аз гул,
Дар ҳаво рангинкамон аз офтобборон.

Кӯдакиям, –
Дарраю ғору чару момочавобак,
Бӯгалакҳою малаххо,
Лонаи паррандаҳои шохсорон,
Кӯчаҳои сангфарш аз сангпушт,
Қур-қури қурбоқаи як фасли тобистон.

## РАНГҲОИ САЙЁРАҲО

Сафед – Зуҳрабонӯ,
Аз нуқраи хом аст ӯ.
Оне, ки сурху бурх аст,
Сайёраи Миррих аст.
Зуҳал сиёҳсӯхта
Монанди хишти пухта.
Сайёрае кабуд аст,
Яхбандон Аторуд аст,
Замин, ки лоҷувардист,
Кашфи кайҳоннавардист.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## САГИ ЧӮПОНӢ

Сагҳо калону хурданд,
Ҳазору як намуданд,
Сагҳои баднамуданд,
Сагҳои хушнамуданд.

Танҳо на зери дастанд,
Дар осмон ҳам ҳастанд,
Бо номи Дубби Акбар,
Бо номи Дубби Асғар,
Ситораҳое шаклан
Гӯё ба саг монанданд.

Аз он ҳама валекин
Дар ҳаво ё дар замин,
Дар остони дарҳо
Ва ё дар осмонҳо
Калтаи мо беҳтарин,
Саги чӯпонии мо.

## НОСТАЛГИЯ[1]

***(наберачаҳоям ва сурати ман)***

Биё, баро, бобоҷон,
Аз чорчӯба берун,
Аз ин тиреза берун.
Поин фаро аз девор,
Асоятро бибардор.
Бо дасти худ бибар боз
Моро дукони яхмос.

[1] Хумор, ёдкард



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ЗЕБИ ФАСЛИ ТИРАМОҲ

Зеби фасли тирамоҳ
На себи тирамоҳӣ,
На анори хандонак,
Дандонҳояш тиллоӣ;

На карами печ дар печ,
Чун саллаи мӯсафед,
На сӯтаи ҷуворӣ,
Дандонҳояш марворӣ.

Зеби фасли тирамоҳ
Кадуи лангардароз,
Кадучаи лангарбоз,
Дӯлонаи сари роҳ.

## КИТОБИ БАҲОР

Лола сурхида чун хати сурхаш,
Сабза сабзида чун хати сабзаш,
Аз бунафша хати бунафш навишт,
Сад рақам растании сарсабзаш.
Як китоби баҳор садбарг аст,
Мешуморӣ агар ту, сад барг аст.

## ЧОКАК

Мехонад он шабона,
Намехонад рӯзона.
Мепарад он шабона,
Намепарад рӯзона.
Мебинад он шабона,
Намебинад рӯзона...

Шабовезаш мегӯянд, –
Паррандаи шаббедор.
Мо чокакаш меномем,
Мечакад шоми баҳор.

Дар синфи паррандагон
Аз оилаи чуғз аст.
Чуғзак валекин бадном,
Чокакчаи мо нағз аст.

## ГОВИ ФАЛАК ДАР АЙЛОҚ

Гови фалак[1] мечарад
Дар сабзазори кайҳон,
Гови замин мечарад
Дар бораи Сӯфиён[2].
Гови фалак дар айлоқ,
Гови замин дар қишлоқ.

---

1. Ситораи Парвин
2. Қишлоқи ман



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## МЕВАИ МАСНӮЪӢ

Меваҳои табиӣ
Афтодаанд зери по,
Меваҳои маснӯъӣ
Мехуранд ин одамҳо[1].

## ДАРАХТИ МАСНӮЪӢ

Азбаски ҷангалҳоро
Бераҳмона буриданд,
Дар сояи дарахти
Маснӯъӣ менишинанд.

## АЗ КӮДАКОНИ ДУНЁ ТУФ БА РӮЯТ...

Аз ҷанги ту бешумор
Бачаҳои ярадор,
Бачаи бе дасту по,
Бачаи бепарастор.

Натанҳо метаркони
Мактабу кӯдакистон,
Қаламат ҳам метаркад,
Метаркад бозичаат,
Лухтакат марги тифлон.

[1] Америкоиҳо «дезинфексия нашудаанд» гуфта, аз боғу роғ ва ҳавлиашон мева намехуранд. Фач бошад ҳам, аз дукон мехаранд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз кӯдаки ироқӣ,
Аз кӯдакони афғон,
Аз кӯдакони либӣ,
Аз тифли украинӣ,
Аз ятими Осиё,
Аз ятими Африқо,
Аз кӯдакони дунё
Туф ба рӯят, Амрико!
Туф ба рӯят, Амрико!





барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# МУНДАРИЧА


Боғи Момаи Ангур ........................................ 3
«Аполлон-11» ................................................ 4
Чатри сари Замин ......................................... 5
Ҳаво ............................................................... 6
Садо ............................................................... 6
Тирандози хазон ........................................... 7
Тирамоҳи асалмоҳ ......................................... 7
Субҳи қишлоқ ................................................ 8
Соя .................................................................. 8
Асо ва айнак ................................................... 8
Аквариум ....................................................... 9
Қар-қари зоғон ва қур-қури қурбоқаҳо ........... 9
Бозори сиёҳ .................................................. 9
Косапушт ....................................................... 9
Чистони кабк ................................................ 10
Тарбуз ........................................................... 10
Чанор ............................................................ 10
Ситораи Кремл ............................................ 12
Қишлоқи ман ................................................ 12
Кӯдакии ман ................................................. 13
Рангҳои сайёраҳо ......................................... 13
Саги чӯпонӣ ................................................. 14
Носталгия ..................................................... 14
Зеби фасли тирамоҳ ..................................... 15
Китоби баҳор ................................................ 15
Чокак ............................................................ 16
Гови фалак дар айлоқ .................................. 16
Меваи маснӯъӣ ............................................. 17
Дарахти маснӯъӣ .......................................... 17
Аз кӯдакони дунё туф ба рӯят… ................... 17





*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

**Бозор Собир**

**БОҒИ МОМАИ АНГУР**

Муҳаррири ороиш *Ромиш Лоиқзода*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 22.08.2016 супорида шуд.
Чопаш 24.11.2016 ба имзо расид. Андоза 60x84 1/8.
Ҷузъи чопӣ 2,5. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адабиёти бачагона»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*